***ТДУ57.02(075.5)***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-199-202***

# *ҚОБИЛИЯТИ ФИКРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ (ИНКИШОФИ НУТҚ)*

***Қаюмова Оминаҷон Эргашевна,*** *муаллимаи калони кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ, факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва махсус, МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *МЫСЛИТЕЛЬНЫЕ СПОСОБНОСТИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ КОМПЕТЕНЦИЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ (РАЗВИТИЕ РЕЧИ)*

***Каюмова Оминажон Эргашевна****, старший предподователь кафедры теории и методики преподавания родного языка, факультета начального образования и специальной педагогики, ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# *THINKING ABILITIES AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF COMPETENCIES OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN (SPEECH DEVELOPMENT)*

***Kayutova Ominajon Ergashevna****, Senior Lecturer of the Department of Theory and Methodology of Teaching the Native language, Faculty of Primary Education and Special Pedagogy, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *ominahon1972@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *тафаккур, зеҳн, фаъолияти ақлию зеҳнӣ, салоҳиятнокӣ, нутқи шифоҳию хаттӣ, амалиёти мантиқӣ, усули қисман тадқиқотию ҷустуҷӯӣ*

*Дар мақола муаллиф масъалаҳои асосии ташаккули тафаккур ва нутқи хонандагони хурдсолро дар раванди дарсҳои забони модарӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси он истифодаи усул ва фаъолиятҳоеро нишон дода шудааст, ки ба масъалаи сухан кардан ва фикр карда, амал намудани хонандагон нигаронида шудааст. Муҳтавои асосии мақоларо ташаккули қобилияти фикрӣ ва инкишофи нутқу тафаккури хонандагони хурдсол ташкил медиҳад.Маълум аст, ки забон воситаи омӯзиши ҳамаи фанҳо мебошад. Муаллиф чунин мешуморад, ки танҳо дар дарсҳои забони модарӣ масъалаҳои инкишофи нутқ мақсаднок, бо низоми муайян, такя ба донишҳои лингвистӣ ва маҳорату малакаи забонии хонандагон амалӣ мегардад. Ташаккули нутқи саҳеҳ аз омӯзиши воҳидҳои асосии забон ба даст меояд, ки ин масъала пеш аз ҳама, дар Стандарти зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, инчунин дар Барномаи таълимии фанни забони модарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва он низ ҳадафи асосии таълим буда, таъмини инкишофи нутқи хонандагон, ташаккули маҳорат ва ҳосил намудани малакаи озодбаёнию татбиқи он дар нутқи хаттиро дар бар мегирад. Мавзуи мазкур ба ҳалли масъалаҳое, ки роҳу василаҳои тезонидани фаъолияти фикрӣ, инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагони хурдсолро дар бар мегирад,нигаронида шуда, муаллиф нақши амалиёти мантиқиро дар баландшавии сатҳи маърифатии хонандагон мавриди тадқиқ қарор додааст. Ҳамин тариқа, ташаккули маҳорати истифодаи амалиёти мантиқӣ-таҳлилу таркиб, муқоисаю муҳокима вазифаи ҳама фанҳои таълими ибтидоӣ буда, аз муаллим кори муназзаму ба нақша гирифташударо тақозо мекунад.Маҳз аз бар кардани амалиёти мантиқӣ ба талабагон имкон медиҳад, ки нисбати маводи таълимӣ муносибати бошуурона намоянд, ки он дар навбати худ раванди таълимро матлуб ва фаъолияти хонандагонро ихтиёрӣ месозад.*

***Ключевые слова:*** *мышление, интеллект, умственная и интеллектуальная деятельность, компетентность, устная и письменная речь, логические операции, частично исследовательский метод*

*В статье автор рассматривает основные вопросы формирования мышления и речи младших школьников в процессе уроков родного языка, определяет методы и занятия, направленные на то, чтобы ученики говорили и думали, действовали. Основным содержанием статьи является формирование мыслительных способностей и развитие речи и мышления младших школьников. Известно, что язык является средством изучения всех предметов. Автор считает, что только на уроках родного языка вопросы развития речи можно решать целенаправленно, при определенной системе, опираясь на лингвистические знания, языковые навыки и умения учащихся. Формирование речи происходит путем изучения основных языковых единиц, этот вопрос рассматривается, прежде всего, в стандарте уровня начального образования, а также в учебной программе по предмету родного языка, а также является основной целью обучения и включает в себя обеспечение развития речи учащихся, формирование навыков и приобретение навыков свободолюбия и их применение в письменной речи. Данная тема направлена на решение вопросов, которые*

*включают в себя способы ускорения мыслительной деятельности, развития речи и мышления младших школьников. Автор исследовал роль логических действий в повышении познавательного уровня учащихся. Таким образом, формирование умения использовать логические операции – анализ и состав, сравнение и обсуждение – является задачей всех предметов начального образования и требует от учителя систематической и запланированной работы.Именно проведение логических операций позволяет учащимся осознанно подходить к учебному материалу, что, в свою очередь, делает процесс обучения желательным, а деятельность учащихся добровольной.*

***Key words:*** *thinking, intelligence, mental and intellectual activity, competence, oral and written speech, logical operations, partially research and research method*

*In the article, the author examines the main issues of the formation of thinking and speech of younger schoolchildren in the process of native language lessons, on the basis of which the use of methods and classes aimed at making students speak and think, act is indicated. The main content of the article is the formation of thinking abilities and the development of speech and thinking of younger schoolchildren.It is known that language is a means of learning all subjects. The author believes that only in the lessons of the native language the issues of speech development are purposefully, with a certain system, based on linguistic knowledge, language skills and abilities of students. The formation of speech speech comes from the study of basic language units, this issue is considered primarily in the standard of primary education, as well as in the curriculum on the subject of the native language, and is also the main purpose of teaching and includes ensuring the development of students' speech, the formation of skills and the acquisition of freedom-loving skills and their application in writing. This topic is aimed at solving issues that include ways to accelerate mental activity, speech development and thinking of younger schoolchildren, the author investigated the role of logical actions in improving the cognitive level of students. Thus, the formation of the ability to use logical operations-analysis and composition, comparison and discussion- is the task of all subjects of primary education and requires systematic and planned work from the teacher.It is the conduct of logical operations that allows students to consciously approach the educational material, which, in turn, makes the learning process desirable, and students' activities voluntary.*

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби давру замон, ки назди омӯзгор гузошта шудааст ин ташаккули қобилияти фикриву зеҳнии кӯдакон мебошад. Мафҳуми “фаъолияти ақлӣ ва зеҳнии хонандагон” чиро мефаҳмонад? Чи тавре ки методист Э. Шарифов зикр мекунад «Фаъолияти ақлӣ ин фаъолияти фикрӣ аст, ки он дар мушоҳидаю таассурот, дар амалиёти мантиқӣ ифода меёбад» [6,с.27]. Ба ақидаи ӯ фаъолияти дарккунӣ чунин амали инсонист, ки он ба дарк ва фаҳмидани хусусиятҳои муҳими ашёҳо, ба кушодану муайянкунии хусусиятҳои ноаёни онҳо нигаронида шудааст. Азбаски хусусиятҳои ашё ҳамеша аён нест ва худ аз худ дастраси шахс шуда наметавонад, бинобар он, ба роҳ мондани корҳои ҷустуҷӯӣ, дарккуниро тақозо мекунад. Ёфтану дарк кардани хусусиятҳои ноаёни ашёву ҳодисаҳо меҳнати фикриро талаб менамояд.

Тафаккур раванди бисёр фаъол буда, аз омӯзгор масъулияти беш, яъне кушодану таҳқиқ карданро тақозо мекунад. Барои муваффақ ба сомон расонидани ҳалли ин муаммо муаллим, кӯдак, волидонро зарур аст, ки бояд дарк кунанд, фаҳманд, ки барои кушодани ин масъалаи ӯ бояд чиҳоро донад ва чӣ ба ӯ алҳол маълум нест.

Барои ҳалли муваффақ муаммои мазкур бояд ӯ дониши муайяне (дониши заминавӣ) дошта бошад, то ки дар ҳалли ин муаммо ба кор ояд. Сониян, ӯ роҳу усулҳои ба кор бурдани ин донишҳоро бояд донад. Дар охир, барои ноил шудан ба мақсади пешгузошташуда кӯшишу ғайрат, азму субот лозим аст, ки дар ҳалли дурусти ин муаммо сафарбар мешавад.

Ҳамин тариқа, бояд кӯдак дарк кунад, донад, ки дар ҳалли муаммои мазкур ба ӯ чӣ равшан асту чӣ ноаён, чиро бояд ҷуст, ба чӣ бояд комёб шавад? [5,с.25].

Чи тавре ки аз таҳлили китобҳои дарсӣ, мушоҳидаи дарсҳо бармеояд, ҳар як муаммову супориш дар шакли савол пешниҳод гардида, ба раванди дарккуниву тафаккур асос мегузорад. Вобаста ба тарҳи гузориши саволҳо раванди таҳқиқу ҷустуҷӯӣ ҷараён гирифта, ба фаъолияти фикриву зеҳнии бача ибтидо мегузорад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар қадар саволҳои муаллим ба хонандагон равшану нишонрас тартиб дода шуда бошад, фаъолияти фикрии кӯдак, муҳокимарониҳои ӯ ҳамон қадар дуруст ҷараён гирифта, мақсади пешгузошташуда ҳамон қадар ҳалли дурусти худро меёбад. Агар саволҳо ба бачагон муғлақу нофаҳмо пешниҳод шаванд, фаъолияти фикрии кӯдак суст ҷараён гирифта, расидан ба мақсади ниҳоӣ тӯл мекашад. Масалан, чунин ҷумлаҳо тавсия шудаанд:

Ҳофиз боҳавас <u>мехонад</u>. Сабрина дар синфи 2 <u>мехонад</u>.

Талаба китоб <u>мехонад</u>. Падар писарашро <u>наздаш мехонад.</u>

Агар аз хонанда муайян кардани кадом ҳиссаи нутқ будани калимаҳои ишорашуда пурсида шавад, талаба дар асоси донишҳои заминавӣ ба саволҳо супоришро базудӣ иҷро мекунад.

Зимни иҷрои марҳилаи дуюми иҷрои супориш агар аз талабагон ба калимаҳои ишорашуда овардани калимаҳои ҳаммаъно пурсида шавад, фаъолияти фикрии эшон шиддат гирифта, он ба муҳокимаву хулосакунӣ табдил меёбад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки ҳар қадар дониши заминавии талаба мукаммалу супоришҳо тарҳи такрор дошта бошанд, фаъолияти фикрии кӯдак ҳамон қадар суст мешавад. Инчунин дар сурати шарти супоришҳо душвору дониши заминавии кӯдак бар ҳалли он кофӣ набошад, фаъолияти фикрии вай ҳамон қадар суст сурат мегирад. Аз санҷишу таҳлилҳо бармеояд, ки дорои захираи муайяни дониш будани талаба ҳоло як тарафи ҳалли масъала аст. Ӯ бояд аз усулҳои самарабахши таълим, бо тарзу усулҳои фаъолонидани фикр мусаллаҳ бошад, он вақт метавонад, супоришҳои дар наздаш гузошташударо бо муваффақ ба иҷро расонад.

Масалан:

Супориши 1.

1.Калимаҳои додашударо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

Хирадманд, <u>ақл</u>, боақл, доно, <u>зеҳн</u>, ориф, закӣ, оқил, хушзеҳн, фозил, бохирад, пешрав, пешқадам.

2.Аз байни онҳо калимаи зиёдатиро муайян карда, ҷудо намоед.

Супориши 2. Ба калимҳои додашуда, савол гузошта, сифатҳоро ҷудо кунед. Ба онҳо калимаи зидмаъно оварда, ду ҷумла тартиб диҳед. Намуна:

Доно-нодон. Нодон механдад, доно худаш мефаҳмад.

Иҷрои супоришҳо дар се марҳила сурат гирифт:

1.Аз рӯи ифодаи маъно гуруҳбандӣ кардани калимаҳо

2.Ба сифатҳои ҷудошуда овардани калимаҳои зидмаъно

3.Бо калимаҳои такягоҳӣ тартиб додани ҷумлаҳо

Таҳлил ва иҷрои супоришҳо ба чунин хулоса овард, ки ин намуди ба роҳмонии фаъолият ба тезонидани фаъолияти фикрии хонандагон мусоидат намуда, дар раҳнамунсозии онҳо барои иҷрои супоришҳо кӯмак мерасонад, инчунин ҳангоми донистани тарзи иҷрои амалҳо ва доштани дониши заминавӣ фаъолияти зеҳнии толибилмон қувват гирифта, таҳлилу таркиб, муқоисаву муҳокима, ҷамъбасту хулосакуниҳо барин фаъолияти мантиқӣ руҷуъ мегирад.

Яке аз шартҳои дигари босамар гардонидани фаъолияти зеҳнии хонандагон ин тавассути бедор намудани майлу хоҳиш, шавқу ҳавас сурат мегирад. Олимон - методистон чунин андеша доранд, ки ҳангоми бо майлу хоҳиш, ихтиёрӣ ба иҷрои супоришҳо даст задан, фаъолияти фикрии кӯдакон маҳсулнок гардида, тез хаста намешаванд, зеро чи хеле ки методист Э.Шарифов қайд менамоянд: «Вақте ки вазифаҳои назди хонандагон гузошташуда фаъолияти фикрии онҳоро метезонад ва онҳо ба иҷрои машқу супоришҳо бо шавқ ва ихтиёран даст мезананд, фаъолияти онҳо маҳсулнок гардида, зеро дар асоси иҷрои супоришҳо таҳлилҳо мекунанд, натиҷаҳоро ҷамъбаст намуда, хулоса мебароранд ва аз кашфиёти бо кӯмаки муаллим кардаи худ хурсанд ва рӯҳбаланд мешаванд» [6,с.41] .

«Дуруст фикр кардан, ин маҳорати муваффақона ба роҳ мондани фаъолияти фикрӣ мебошад» [6,с.72]. Раванди тафаккур ин руҷуъ аз муаммои пешгузошташуда ба сӯи муқоисаву муҳокима, таҳлилу таркиб, ҷамъбасту хулосакуниҳо буда, дар асоси дониш, маҳорату малака ва таҷрибаи ҳаёти кӯдак ба даст меояд. Маҳорати дуруст фикр кардан ин дар дуруст иҷро намудани супоришҳо мушоҳида мешавад. Чи тавре ки методистон, педагогҳо ва равоншиносон зикр кардаанд, «Раванди тафаккур метавонад дар шакли муҳокимарониву хулосакуниҳо ифода ёбад» ва дуруст қайд мекунанд, ки «Он дар кадом шакл ифода наёбад, асоси онро таҳлилу таркиб ташкил медиҳад» [6,с.78].

Вобаста ба мазмуни супоришҳо ва дараҷаи инкишофи қобилияти зеҳнӣ он дар шакли ҷамъбасткунии амалиёти фикрӣ роҳандозӣ мешавад. Тадқиқотҳои таҷрибавӣ ба чунин хулоса овард, ки агар ки хонанда бошавқу ҳавас фаъолият барад, раванди фаъолияти онҳо маҳсулнок мегардад. Шавқу ҳавас ба омӯзиш, пеш аз ҳама, ба ташаккули диққат таъсир мерасонад. Яке аз шартҳои муҳими самарабахш гардонидани фаъолияти зеҳниву фикрии хонандагон ин дар ташаккул додани маҳорату қобилияти дурудароз мутамарказонидашудаи диққати хонандагони хурдсол сурат мегирад. Он бошад, ба шарти дигар вобаста аст: мутаассиршавӣ ё худ бедор намудани фаъолияти зеҳнии хонандагони хурдсол мебошад.

Ба ваҷҳ овардан, бедор намудани шавқи хонандагон нисбати иҷрои супориш шарти муҳими ташаккулёбии диққат мебошад. Чи тавре ки олимони равоншинос таъкид мекунанд, он ҷое ки

хонандаи хурдсол шунавандаи ғайрифаъол (пассив) аст, ба тезӣ диққати ӯ парешон гардида, дилгир ва хаста мешавад, зеро машғулият барои ӯ ҷолибу диққатҷалбкунанда нест, зеро ба кӯдак супоришҳоеро додаанд, ки вай аллакай қобили ҳалли дурусти онҳоро дорад ва дар вай ҳаваси иҷрои ин супоришҳоро надорад.

Дар китобҳои дарсӣ усул ва тарзҳои таълими матнҳо тариқи супоришҳо оварда шудаанд, ки аз кӯдак муносибати бошууронаро тақозо мекунад ва дар он нақши бозиҳои дидактикӣ, аз қабили, диаграммаи Венн, кластер, мавзеи тафсон, ребус, сканворду ҳарфёбак, кроссворду чистон, ҳисоби грамматикӣ нақши муҳим доранд.

Бомаҳорат гузоштани савол аз муаллиму шогирдон дониши хубро тақозо мекунад. Дар синфи II - III ба савол додан талабаҳо низ шомил карда мешаванд, ки аз кӯдак ҳаматарафа аз худ кардан ва донистани мазмуни матнро талаб мекунад.

Аз таҳлили барнома ва китобҳои дарсии забони модарӣ бармеояд, ки омӯзиши ҳама унсурҳои нутқ (овоз, ҳарф, калима, ҷумла) ба инкишофи нутқи алоқанок нигаронида шуда, дар алоқамандию ҳамбастагӣ таълим дода мешаванд.

Қариб аксар мавод китоби дарсии забони модарии синфи I ба мақсади инкишоф додани тафаккур ва нутқи хонандагон нигаронида шуда, машқҳои овозиву луғавӣ бо машқҳои ибораву ҷумласозӣ дар алоқамандию пайвастагӣ пешниҳод шудаанд, ки ба воқеӣ намудани принсипи асосии забон – инкишофи тафаккуру нутқ нигаронида шудаанд.

Хулоса, омӯзиши забон ва инкишофи онро дар таълими ибтидоӣ бидуни истифодаи бозиҳои таълимӣ, ташаккули маҳорати истифодаи амалиёти мантиқӣ, яъне таҳлилу таркиб, муқоисаю муҳокима ва супоришҳои хусусияти ҷустуҷӯидошта, ки раванди дарсро боз ҳам шавқовари месозад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, мавқеи истифодаи маводу бозиҳо бо ба назар гирифтани имкониятҳои синнусолии кӯдакон, ки хусусияти дамгирӣ дорад, назаррас буда, барои пурқувват кардани фаъолияти ақлӣ, инкишоф додани тафаккур, васеъ, бой гардонидани захираи луғавӣ, мустаҳкам кардани дониш ва малакаҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, мақсади ниҳоии омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин инкишофи тафаккур ва нутқи хонандагон буда, дар ҳаёти воқеӣ самаранок истифода кардани он муҳтавои фанро таъмин мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе: ҶДММ Офсет, 2012.-111 с.
2. Стандартҳои зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ –Душанбе: Маориф, 2016.-156 с.
3. Зубарева, Л.В. Развитие словестно-логического мышления и связной речи младших школьников / Л.В. Зубарева. - Волгоград: Учитель,2020.- 99с.
4. Лутфуллозода, М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ/ М.Лутфуллозода. – Душанбе: Ирфон, 2018. - С. 120.
5. Шарифзода, Ф., ва дигарон. Фикр карданро бояд омӯхт/Ф.Шарифзода.-Хуҷанд: Меъроҷ, 2020. - 296 с.
6. Шарифзода, Ф. Кашфи асрори фикр/ Ф.Шарифзода, Х.Сабурӣ, О.Э.Қаюмова.-Хуҷанд: Меъроҷ, 2022. -268 с.
7. Шарипов, Э. «Методикаи инкишофи нутқи мактабиёни хурдсол»/ Э. Шарипов. - Хуҷанд: Хуросон, 2008. -271с.

**REFERENCES:**

1. Educational program of primary classes. - Dushanbe: LLC Offset, 2012.-111 p.
2. Standards of primary education levels - Dushanbe: Enlightenment, 2016.-156 p.
3. Zubareva, L.V. Development of verbal-logical thinking and coherent speech of primary school students / L.V. Zubareva. - Volgograd: Teacher, 2020.- 99p.
4. Lutfullozoda, M. Methodology of primary teaching of mother tongue/ M. Lutfullozoda. - Dushanbe: Irfan, 2018. - S. 120.
5. Sharifzoda, F. One must learn to think/F. Sharifzoda.-Khujand: Meroj, 2020. - 296 p.
6. Sharifzoda, F. The discovery of the secrets of thought / F. Sharifzoda, H. Saburi, O. E. Qayumova. - Khujand: Meraj, 2022. - 268 p.
7. Sharipov, E. "Methodology of speech development of young schoolchildren"/ E. Sharipov. - Khujand: Khorasan, 2008. -271p